Барномаи идораи марзҳо дар Осиёи Марказӣ (БОМКА)

аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ мегардад

Ҳамкори амалиёт

Empowered lives.
Resilient nations.

## ПРЕСС–РЕЛИЗ

аз ҷониби БРСММ амалӣ мегардад

# СЕМИНАРИ МИЛЛӢ ОИДИ ТАҲЛИЛИ ИТТИЛООТИ МАХФӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

***ш. Душанбе, Тоҷикистон (20 сентябри с. 2013)*** – 16 нафар афсарони марбут ба ҷаъоварӣ ва таҳлили иттилооти махфӣ дар бахши мубориза бо қочоқи маводи мухадира аз оҷонсиҳои мубориза бо маводи мухадира, кумитаи ҳифзи сарҳад, вазорати корҳои дохилӣ ва хадамоти гумрук семинари миллӣ оид ба таҳлили иттилооти махфӣ ширкат намуданд.

Семинари мазкурро барномаи БОМКА, ки аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ мегардад ва фаъолиятҳои он тавассути БРСММ ва Маркази Байналмилалии Сиёсати Рушди Муҳоҷират амалӣ мешавад (МБСРМ), ташкил намуд.

Дар тӯли 5 рӯзи семинар тренери байналмилалӣ ба ширкаткунандагон мавзӯи таҳлили иттилооти махфиро дар форматҳои гуногуни интерактивӣ бо машқҳои амалӣ пешниҳод намуд. Ҳамчунин мавзӯъҳои ҷамъоварии иттилоот ва идоракунии он, таҳлили ҷиноят ва техникаи фикрронии интиқодӣ баррасӣ гардиданд.

Махсусан, тренер дар якҷоягӣ бо ширкаткунандагон роҳҳои таҳлили бизнеси ҷиноии марбут ба қочоқи маводи мухадираро, ки ба соҳаи кори иштирокчиён алоқаманд аст, муҳокима намуданд. Интизорӣ меравад, ки мо дар охири семинар иштирокчиён бо назария ва амалияи техникаи аввалиндараҷаи таҳлилкунӣ ошно мегарданд.

Ҳадафи барномаи БОМКА ин кӯмак намудан дар такмили бехатарӣ дар Осиёи Марказӣ, мусоидат намудан дар қонунӣ гардонидани тиҷорат ва транзит ва ҳамчунин пешгирӣ намудани убури ғайриқонунии одамон тавассути сарҳадоти Осиёи Марказӣ мебошад.

Барномаи БОМКА аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ гардида ва фаъолиятҳои он тавассути БРСММ ва Маркази Байналмилалии Сиёсати Рушди Муҳоҷират амалӣ мешаванд (МБСРМ).

***Барои дарёфт намудани иттилооти бештар*** *хоҳишмандем ба Сӯҳроб Қаҳоров, Менеҷери Барномаи БОМКА дар ЧТ бо имейли мазкур suhrob.kaharov@undp.org; ва тел.: (44) 6005527/28.*